**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Мавзуи диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ доир ба яке аз мавзуъҳои мубрам омода гардида, он на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки аҳамияти калони амалӣ ҳам дорад.

Аҳамияти он ба мавҷуд набудани таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионии падидаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мебошад, вобаста аст.

Дар доираи Конститутсия амал кардан маънои амал кардан мувофиқи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ба таври одилона ва баробарро дорад. Конститутсия ба сифати кафолати олӣ ва ҳуқуқии некуаҳволии одамон ва манфиатҳои онхо дониста шуда, инчунин, яке аз воситаҳои асосии ташаккули ҳаёти ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Воқеан, моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон кардааст. Меъёри мазкур талаб мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон на танхо эътироф ва риоя гардад, балки мавриди ҳимоя низ қарор гиранд. Вобаста ба ин масъала, дар Паёми табрикотии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсия санаи 5 ноябри соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, ки «Дар

таърихи Тоҷикистон аввалин маротиба дар Конститутсияи он ибораи «арзиши олӣ» истифода ва эълон карда шуд ва ин мафҳум ифодакунандаи мартабаи баланди инсон, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ мебошад». Яқинан, дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ дар Тоҷикистон танзими конститутсионии ҳуқуқи инсон ба куллӣ тағйир ёфт. Агар дар замони шуравӣ ба мустаҳкамкунии ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ афзалият дода мешуд, пас дар Конститутсияи соли 1994 ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ ба таври васеъ мустаҳкам шуданд. Дар баробари ин, тамоми ҳуқуқҳои инсон, ки дар Конститутсия муқаррар шудаанд, амалӣ бевосита доранд.

Дар диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, конститутсионӣ ва рушди падидаҳои конститутсионӣ аз қабили ташаккули ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳқиқ карда шуданд.

Диссертатсия яке аз аввалинҳо дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки дар он ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба ва муфассал, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи илмӣ ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудааст.

Дар асоси омӯзиши падидаи ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар натиҷаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, ки ба мукаммал гардонидани фаъолияти минбаъдаи мақомотҳои давлати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Таҳқиқот ба омӯзиши заминаи оддии ҳуқуқӣ ва илмӣ асос ёфтааст. Зимни анҷом додани таҳқиқоти мазкур Конститутсияҳои ҶШС Тоҷикистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои

конститутсионӣ, конунҳои ҷорӣ, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода гардидааст.

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф – 21 мақола, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 макола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Аҳамияти амалии тадқиқот бо имконияти истифода бурдани асосҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо ҳангоми такмили қонунгузорӣ маҳдуд нагардида, балки он метавонад дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, ҳангоми фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии ихтисоси "ҳуқуқшиносӣ", инчунин, дар низоми такмили ихтисос ва рушди касбии кормандони макомоти давлатӣ ва муассисаҳо, ки дар соҳаи ҳуқуқ кору фаъолият менамоянд, таъсири мусбати худро гузорад.

Дар ҷараёни кор, Шерализода Ҷомӣ Шералӣ худро ҳамчун муҳаққиқ нишон дода, ҷидду ҷаҳди ӯ дар мавриди тавсияҳои мушаххас, инчунин, эродҳои баррасикунандагон нишон дода шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳамчун заминаи баҳсҳои эҷодӣ ва таҳқиқоти минбаъда хидмат кунанд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар рисола баъзе масъалаҳои баҳснок вуҷуд дорад. Аз ҷумла, рисоланавис дар автореферати худ қайд менамояд, ки дар рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон таъсири санадҳои байналмилалӣ низ чашмрас аст, аммо кадом омилҳо ва хусусиятҳо ба он сабаб шуда метавонанд дар такмили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия норавшан аст. Бинобар ин, аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар ҷараёни ҳимоя ақидаи худро пурратар асоснок намояд (саҳ. 32).

Эроди мазкур ҷузъи буда, моҳияти корро коста намекунад. Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ дар шароити имрӯзаи рушди

давлатдории тоҷикон муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Шерализода Ҷомӣ Шералӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қурбонализода Н.Ш.**

**Имзои Қурбонализода Н.Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи**
**Раиси шаҳри Душанбе** **Сайдуллозода Ф.Ф.**

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 40.
**Телефон:** (992) 37 223-22-14. **E-mail:** dushanbe80@yahoo.com
«8» 05 2023 с.